Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
Дар Феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б №1020, санаи 18.03.2020

Бо фармоиши сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2020, №16 тасдиқ карда шудааст.

# Тартиби гузаронидани экспертизаи бехатарии саноатӣ ва талабот ба тартибдиҳии хулосаи экспертизаи бехатарии саноатӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби гузаронидани экспертизаи бехатарии саноатӣ ва талабот оид ба тайёр намудани хулосаи экспертизаи бехатарии саноатӣ (минбаъд - Тартиб) мутобиқи қисми 3 моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии иншооти истеҳсолии хатарнок» ва сархати чоруми банди 6 Низомномаи Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №152 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

2. Тартиби мазкур тартиби гузаронидани экспертизаи бехатарии саноатӣ (минбаъд - экспертиза), талабот оид ба тайёр намудани хулосаи экспертиза ва талабот ба экспертҳои бехатарии саноатиро (минбаъд - экспертҳо) муайян менамояд.

3. Тартиб ҳангоми гузаронидани экспертизаи иншооте, ки дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии иншооти истеҳсолии хатарнок» (минбаъд - иншооти экспертиза) пешбинӣ шудааст, татбиқ карда мешавад.

4. Тартиби мазкур дар ҳолати гузаронидани экспертизаи иншооти хатарнок ҳангоми бастани шартномаи суғуртаи ҳатмӣ ё дар сурати муҳлати амали он бо мақсади баҳодиҳии зараре, ки метавонад дар натиҷаи садама дар иншооти хатарнок расонад, шумораи ниҳоии эҳтимолии зарардидагон ва (ё) дараҷаи бехатарии иншооти хатарнок, татбиқ карда намешавад.

5. Таҷҳизоти техникии дар иншооти истеҳсолии хатарнок истифодашаванда бояд аз экспертизаи бехатарии саноатӣ гузарад (агар дар регламенти техникӣ шакли дигари баҳодиҳии мутобиқати таҷҳизоти мазкур ба талаботи ҳатмӣ муайян нашуда бошад):

- пеш аз истифодабарӣ дар иншооти истеҳсолии хатарнок;
- дар ҳолати ба итмом расидани муҳлати истифодабарӣ ё ҳангоми аз меъёр зиёдшавии шумораи доираҳои кории таҷҳизоти техникии мазкур, ки истеҳсолкунандаи он муқаррар намудааст;

- ҳангоми дар ҳуҷҷатгузории техникӣ набудани маълумот оид ба мӯҳлати истифодабарии чунин таҷҳизоти техникӣ, агар мӯҳлати воқеии истифодабарии он аз бист сол гузаштааст;

- баъд аз гузаронидани корҳои вобаста ба тағйирёбии сохт, ивазкунии масолеҳи қисмҳои синҷи ин таҷҳизоти техникӣ, ё ин ки таъмири азнавбарқароркунӣ баъд аз садама ё ҳодиса дар иншооти истеҳсолии хатарнок, ки дар натиҷаи он чунин таҷҳизоти техникӣ зарар дидааст.

6. Биноҳо ва иншоотҳо дар иншооти истеҳсолии хатарнок, ки барои иҷрои ҷараёнҳои технологӣ, нигоҳдории ашёи хом ва маҳсулот, ҷойивазкунии одамон ва борҳо, пешгирӣ ва барҳамдиҳии оқибатҳои садамаҳо муқаррар гардидаанд, аз экспертизаи бехатарии саноатӣ мегузаранд:

- ҳангоми ба итмом расидани мӯҳлати истифодабарии биноҳо ва иншоотҳо, ки дар ҳуҷҷатгузории лоиҳавӣ муқаррар гардидааст;

- ҳангоми набудани ҳуҷҷатгузории лоиҳавӣ, ё дар ҳуҷҷатгузории лоиҳавӣ набудани маълумот оид ба мӯҳлати истифодабарии биноҳо ва иншоотҳо;

- баъд аз садама дар иншооти истеҳсолии хатарнок, ки дар натиҷаи он сохтҳои синҷи биноҳо ва иншоотҳо вайрон шудаанд;

- баъд аз ба итмом расидани мӯҳлати истифодабарии бехатарона, ки дар хулосаи экспертиза муқаррар гардидааст;

- ҳангоми пайдо шудани деформатсияи аз меъёр зиёди биноҳо ва иншоотҳо.

Экспертизаи биноҳо ва иншоотҳо дар иншооти истеҳсолии хатарнок, ки барои иҷрои ҷараёнҳои технологӣ, нигоҳдории ашёи хом ва маҳсулот, ҷойивазкунии одамон ва борҳо, пешгирӣ ва барҳамдиҳии оқибатҳои садамаҳо муқаррар гардидаанд, дар сурати мавҷуд будани талаботи дахлдори бехатарии саноатӣ ба чунин биноҳо ва иншоотҳо гузаронида мешавад.

7. Экспертизаи таҷҳизоти техникӣ, биноҳо ва иншоотҳо дар иншооти истеҳсолии хатарнок, ки ба манфиати мудофиа ва амнияти давлат истифода мешаванд, бо дарназардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мудофиа ва ҳифзи сирри давлатӣ гузаронида мешавад.

## 2. ТАЛАБОТ БА ЭКСПЕРТҲО

8. Эксперт бояд ба чунин талабот мутобиқат кунад:

- доштани маълумоти олӣ;

- гузаштан аз санҷиши малакаи дониш дар соҳаи бехатарии саноатӣ оид ба соҳае, ки ба иншооти экспертиза мутобиқат мекунад;

- собиқаи корӣ на камтар аз 5 сол дар соҳаи муайянгардидаи аттестатсияи талаботи бехатарии саноатӣ;

- донистани санадҳои қонунгузорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои техникӣ оид ба масъалаҳои экспертиза, бехатарии саноатии иншооти истеҳсолии хатарнок, ки ба иншооти

экспертиза вобаста аст, воситаҳои истифодашавандаи ченкунӣ, таҷҳизоти озмоишӣ, усулҳои ташхиси техникии таҷҳизоти техникӣ ва муоинаи биноҳо ва иншоотҳо.

9. Ба эксперт иштирок намудан дар гузаронидани экспертиза нисбати иншооти истеҳсолии хатарноке, ки дар ҳуқуқи моликият ё дигар асоси қонунии ташкилот тааллуқ дорад ва дар муносибатҳои меҳнатӣ, ки ӯ қарор дорад, манъ аст.

Ба эксперте, ки ҳолати маҳдудкунанда барои ҷалби ӯ дар гузаронидани экспертиза маълум аст ё намегузорад, ки принсипҳои гузаронидани экспертизаи дар банди 12 Тартиби мазкур зикргардидаро риоя намояд, дар гузаронидани экспертиза иштирок карда наметавонад.

10. Экспертҳо ӯҳдадор мебошанд:

- мутобиқати иншооти экспертизаи бехатарии саноатӣ ба талаботи бехатарии саноатиро бо тарзи гузаронидани таҳлили маводҳое, ки барои гузаронидани экспертизаи бехатарии саноатӣ пешниҳод гардидаанд, муайян намоянд;

- ҳолати воқеии техникии таҷҳизотҳои дар иншооти истеҳсолии хатарнок, биноҳо ва иншоотҳо дар иншооти истеҳсолии хатарнок истифодашавандаро муайян намоянд;

- хулосаи экспертизаи бехатарии саноатиро омода намуда, ба роҳбари ташкилоте, ки экспертизаи бехатарии саноатиро гузаронида аст, пешниҳод намоянд;

- воқеият ва асосноккунии натиҷаҳои хулосаи экспертизаро таъмин намоянд;

- нигоҳдории ҳуҷҷатҳо ва махфияти маълумоти барои экспертиза пешниҳодгардидаро таъмин намоянд.

11. Талаботи иловагӣ ба ташкилоти экспертӣ ва экспертҳо, тартиби аккредитатсияи онҳо, ки экспертизаи таҷҳизоти техникӣ, биноҳо ва иншоотҳо дар иншооти истеҳсолии хатарнок, ки ба манфиати мудофиа ва амнияти давлат истифода мешаванд, бо дарназардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мудофиа ва ҳифзи сирри давлатӣ гузаронида мешавад.

## 3. ГУЗАРОНИДАНИ ЭКСПЕРТИЗА

12. Экспертиза бо мақсади муайян намудани мутобиқати иншооти экспертиза ба талаботи ба ӯ пешниҳодшудаи бехатарии санотӣ гузаронида мешавад ва ба принсипҳои мустақилият, воқеият, таҳқиқи ҳамаҷониба ва пурра асос меёбад ва бо истифодаи дастовардҳои муосири илм ва техника гузаронида мешавад.

13. Мӯҳлати гузаронидани экспертиза аз рӯи мураккаб будани иншооти экспертиза муайян карда мешавад, аммо набояд аз се моҳ аз вақти аз ҷониби ташкилоти экспертӣ гирифтани маҷмӯи маводи зарурӣ ва ҳуҷҷатҳо аз фармоишгари экспертиза тибқи шартнома барои гузаронидани экспертиза зиёд бошад.

14. Экспертизаи бехатарии саноатиро ташкилотҳое, ки барои гузаронидани ин экспертиза иҷозатнома барои фаъолияти экспертизаи бехатарии саноатӣ доранд, аз ҳисоби маблағҳои фармоишгар дар асоси шартнома мегузаронанд.

15. Ба ташкилотҳое, ки барои гузаронидани экспертизаи бехатарии саноатӣ иҷозатнома доранд, гузаронидани чунин экспертиза нисбати иншооти истеҳсолии хатарноке, ки дар ҳуқуқи моликият ё дар дигар асоси қонунии он таалluқ дорад ё ба шахсоне, ки бо он дар асоси қонунгузории инҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як гурӯҳ дохил мешавад, ҳамчунин нисбати дигар иншооти экспертиза, ки бо чунин иншооти истеҳсолии хатарнок алоқаманд мебошад, манъ аст. Хулосаи экспертизае, ки бо вайрон кардани ин талабот тартиб дода шудааст, ба мақсадҳое, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, истифода шуда наметавонад.

16. Барои гузаронидани экспертиза бо фармоиши роҳбари ташкилоте, ки экспертизаро мегузаронад, эксперт ё гурӯҳи экспертҳо муайян карда мешавад.

Дар ҳолати гузаронидани экспертиза аз ҷониби гуруҳи экспертҳо бо фармоиши дарҷгардида роҳбари гурӯҳ (эксперти калон)-ро метавон таъин намуд, ки ҷамъбасти натиҷаҳо, сари вақт гузаронидани экспертиза ва омода намудани хулосаи экспертизаро таъмин намояд.

17. Ба ҳайати гуруҳи экспертҳо метавон экспертҳоеро дохил намуд, ки дар басти вазифаҳои ташкилоти экспертӣ дохил намешаванд ва агар дониши махсуси онҳо барои гузаронидани экспертиза зарур бошад ва чунин экспертҳо дар ташкилоти экспертӣ вуҷуд надорад.

18. Ташкилоти экспертӣ баъд аз ҳолатҳои зерин ба гузаронидани экспертиза шуруъ менамояд:

- аз ҷониби фармоишгар дар асоси шартнома пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳои лозимӣ барои гузаронидани экспертиза;
- пешниҳод намудани намунаҳои таҷҳизотҳои техникӣ ё таъмин намудани ҳуқуқ ба дастрасии экспертҳо ба таҷҳизоти техникӣ, воридшавӣ ба биноҳо ва иншоотҳое, ки дар иншооти истеҳсолии хатарнок истифода мешаванд.

19. Фармоишгар ӯҳдадор аст, ки бо талаби экспертҳое, ки экспертизаро мегузаронанд, барои воридшавии онҳо ба иншооти истеҳсолии хатарнок, таҷҳизоти техникӣ, биноҳо ва иншоотҳо, ки дар он экспертиза гузаронида мешавад, рухсат диҳад.

20. Ҳангоми гузаронидани экспертиза пуррагӣ ва дурустии ҳуҷҷатҳои ба иншооти экспертиза тааллуқдошта, ки аз ҷониби фармоишгар пешниҳод шудаанд, муайян карда мешавад, ҳамчунин ҳолати воқеии таҷҳизоти техникӣ, биноҳо ва иншоотҳо дар иншооти истеҳсолии хатарнок баҳогузорӣ карда мешавад.

Барои баҳодиҳии ҳолати воқеии биноҳо ва иншоотҳо муоинаи онҳо гузаронида мешавад.

Ташхиси техникӣ, назорати вайроннашаванда ё назорати вайроншавандаи таҷҳизоти техникӣ барои баҳодиҳии ҳолати воқеии таҷҳизоти техникӣ дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:

- дар ҳолати ба итмом расидани муҳлати истифодабарӣ ё ҳангоми аз меъёр зиёдшавии шумораи доираҳои кории таҷҳизоти техникии мазкур, ки истеҳсолкунандаи он муқаррар намудааст ё ҳангоми дар ҳуҷҷатгузории техникӣ набудани маълумот оид ба мӯҳлати истифодабарии чунин таҷҳизоти техникӣ, агар мӯҳлати воқеии истифодабарии он аз бист сол гузаштааст;

- ҳангоми гузаронидани экспертиза баъди таъмир ва азнавбарқароркунӣ баъд аз садама ё ҳодиса дар иншооти истеҳсолии хатарнок, ки дар натиҷаи онҳо чунин таҷҳизоти техникӣ зарар дидааст;

- ҳангоми аз ҷониби экспертҳо дар ҳолати азназаргузаронии таҷҳизоти техникӣ ошкор гардидани норасоиҳое, ки дар мустаҳкамии конструксия шакку шубҳа вуҷуд дорад ё норасоиҳое, ки фаҳмидани сабабҳои онҳо душвор мебошад.

21. Ташкилоти экспертӣ ҳуқуқ дорад, ки барои гузаронидани ташхиси техникӣ, назорати вайроннашаванда, назорати вайроншавандаи таҷҳизоти техникӣ, ҳамчунин барои муоинаи биноҳо ва иншоотҳо, дигар ташкилотҳо ё шахсонеро, ки барои гузаронидани корҳои зикргардида таҷҳизоти зарурӣ доранд, ҷалб намояд.

Дар ҳолатҳое, ки фармоишгар дар басти вазифаҳо дар соҳаҳои ташхиси техникӣ, муоинаи биноҳо ва иншоотҳо, назорати вайроннашаванда, назорати вайроншаванда мутахассисони худро дошта бошад, ки сатҳи тахассусии онҳо барои иҷро намудани намудҳои алоҳидаи корҳо мутобиқат мекунад, дар ҳамин сурат барои ҷалб намудани чунин мутахассисони фармоишгар барои иҷрои ин корҳо ва ба инобат гирифтани натиҷаи корҳои мутахассисони зикргардида дар хулосаи экспертиза иҷозат дода мешавад.

Роҳбарияти ташкилоте, ки экспертизаро гузаронидааст, барои сифат ва натиҷаҳои корҳое, ки ташкилотҳо ва шахсони алоҳида ҷалб гардидаанд, масъул мебошад.

22. Аз натиҷаи гузаронидани ташхиси техникӣ, назорати вайроннашаванда, назорати вайроншавандаи таҷҳизоти техникӣ, муоинаи биноҳо ва иншоотҳо санади иҷроиши корҳои зикргардида тартиб дода мешавад, ки аз ҷониби роҳбари ташкилоте, ки дар он экспертиза гузаронида шудааст ва роҳбари ташкилоте, ки экспертизаро гузаронидааст, имзо карда мешавад ва дар хулосаи экспертиза замима карда мешавад.

## 4. ТАРТИБДИҲИИ ХУЛОСАИ ЭКСПЕРТИЗА

23. Натиҷаи гузаронидани экспертиза ин хулоса мебошад, ки аз ҷониби ташкилоте, ки экспертизаро гузаронидааст ва экспертҳое, ки дар гузаронидани экспертиза иштирок намудаанд, ба имзо расонида шуда, бо

мухри ташкилоти экспертӣ тасдиқ карда шудааст ва бо нишон додани шумораи саҳифаҳо дӯхта мешавад.

24. Ташкилоти экспертӣ баҳисобгирии хулосаҳои додашуда ва нигоҳдории нусхаҳои онҳоро таъмин менамояд.

25. Ба хулосаи экспертиза инҳо дохил карда мешаванд:

1) Варақаи унвон бо нишон додани номи хулосаи экспертиза;

2) Қисми муқаддимавӣ, ки инҳоро дар бар мегирад:

- асос барои гузаронидани экспертиза;

- маълумот дар бораи ташкилоти экспертӣ (номи ташкилот, шакли ташкилию ҳуқуқии ташкилот, суроғаи ҷойгиршавӣ, рақами телефон, факс, санаи додан ва рақами иҷозатномаи фаъолият оид ба гузаронидани экспертизаи бехатарии саноатӣ);

- маълумот дар бораи экспертҳо (маълумот, собиқаи корӣ аз рӯи ихтисос, маълумот оиди аттестатсия ҷиҳати донистани талаботи махсуси бехатарии саноатӣ);

3) рӯйхати иншоотҳои экспертиза, ки дар онҳо амали хулосаи экспертиза татбиқ мегардад;

4) маълумот дар бораи фармоишгар (номи ташкилот, шакли ташкилию ҳуқуқии ташкилот, суроғаи ҷойгиршавӣ);

5) мақсади экспертиза;

6) маълумот оиди ҳуҷҷатҳои дар рафти экспертиза баррасишуда бо нишон додани ҳаҷми маводи дорои рамз, рақам, тамға ё дигар рамзе, ки барои ҳаммонандкунӣ зарур мебошанд;

7) тавсифи мухтасар ва таъини иншооти экспертиза;

8) натиҷаҳои экспертизаҳои гузаронидашуда бо истиноди қоидаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи бехатарии саноатӣ, ки дар асоси онҳо баҳодиҳии мутобиқати иншооти экспертиза ба талаботи бехатарии саноатӣ гузаронида шудааст;

9) натиҷаҳои хулосаи экспертиза;

10) замимаҳо, ки дар онҳо номгӯи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи бехатарии саноатӣ, ҳуҷҷатгузории техникӣ, санадҳои муоина ва ташхис, ҳисоботи техникӣ ҳангоми экспертиза истифодашударо дар бар мегирад.

26. Хулосаи экспертиза оид ба мутобиқати иншооти экспертиза ба талаботҳои бехатарии саноатӣ (ба ғайр аз экспертизаи эъломияи бехатарии саноатӣ ва асосноккунии бехатарии иншооти истеҳсолии хатарнок) аз хулосаҳои зерин иборат мебошад:

1) иншооти экспертиза ба талаботи бехатарии саноатӣ мутобиқат мекунад.

2) иншооти экспертиза ба талаботи бехатарии саноатӣ ба пуррагӣ мутобиқат намекунад ва ҳангоми дар ҳуҷҷатгузорӣ ворид намудани тағйироти дахлдор ё иҷро намудани чорабиниҳои дахлдор нисбат ба таҷҳизоти техникӣ ё бино ва иншоотҳо иҷозат дода мешавад (дар хулоса тағйироте нишон дода мешавад, ки баъди вориди ин тағйиротҳо ҳуҷҷатгузорӣ ба талаботи бехатарии саноатӣ мутобиқат хоҳад кард ё чорабиниҳое, ки баъди гузаронидани онҳо таҷҳизоти техникӣ, бино,

иншоотҳо ба талаботи бехатарии саноатӣ мутобиқат хоҳанд кард).

3) иншооти экспертиза ба талаботи бехатарии саноатӣ мутобиқат намекунад.

27. Аз рӯи натиҷаҳои экспертизаи таҷҳизоти техникии биноҳо ва иншооти истеҳсолии хатарнок дар хулосаи экспертиза ба таври илова ҳисоббаробаркунӣ ва таҳлили расмиёти арзёбӣ ва пешгӯии техникии ҳолати иншооти экспертиза нишон дода мешавад, ҳамчунин дар он муайянкунии захираи боқимонда (муҳлати истифодабарӣ) бо нишон додан дар хулосаи экспертиза муҳлати муқарраргардидаи минбаъдаи истифодабарии бехатаронаи иншооти экспертиза ва шартҳои истифодабарии минбаъдаи бехатаронаи он дарҷ карда мешавад.

28. Аз натиҷаи гузаронидани экспертизаи эъломияи бехатарии саноатӣ дар хулосаи экспертиза, хулосаҳои зерин нишон дода мешаванд:

- дар бораи асосноккунии моделҳои истифодашавандаи физикӣ-математикӣ ва усулҳои истифодашудаи ҳисоби оқибатҳои садама ва нишондиҳандаҳои таваккалнокӣ;

- дар бораи дуруст ва саҳеҳ будани ҳисобҳои иҷрошудаи таҳлили таваккалнокӣ, ҳамчунин баҳисобгирии пурраи омилҳое, ки ба натиҷаҳои ниҳоӣ таъсир мерасонанд;

- оид ба эҳтимолияти амалишавии сенарияҳои қабулшудаи садамаҳо ва имконияти баромадани омилҳои зараровари ин садамаҳо берун аз ҳудуди иншооти истеҳсолии хатарнок, ҳамчунин оқибати таъсири омилҳои зараровар ба аҳолӣ, дигар иншоотҳо ва муҳити зист;

- оид ба кифоягии чораҳои пешгирии воридашавии шахсони бегона ба иншооти истеҳсолии хатарнок.

29. Ҳангоми гузаронидани экспертизаи асосноккунии бехатарии иншооти истеҳсолии хатарнок ё ҳангоми ворид гардидани тағйирот, дар хулосаи экспертиза натиҷаҳои зерин дарҷ карда мешаванд:

- баҳодиҳии пуррагӣ ва дурустии маълумоте, ки дар асосноккунии бехатарӣ пешниҳод шудааст;

- баҳодиҳии пуррагӣ ва кифоягии чорабиниҳое, ки риоя нагардидани меъёр ва қоидаҳо дар соҳаи бехатарии саноатиро ҷуброн мекунад;

- баҳодиҳии асосноккунии натиҷаҳои баҳодиҳии хавфи садамаҳо, аз он ҷумла комилан мувофиқ будани моделҳои истифодашавандаи физикӣ-математикӣ ва усулҳои истифодашудаи ҳисоби оқибатҳои садама ва нишондиҳандаҳои таваккалнокӣ, дуруст ва саҳеҳ будани ин ҳисобҳо, ҳамчунин баҳисобгирии пурраи омилҳое, ки ба натиҷаҳои ниҳоӣ таъсир мерасонанд;

- баҳодиҳии ҳисоби таҷрибаи муосири истифодабарӣ, таъмири асосӣ, муваққатан хобонидан ва барҳамдиҳии иншооти истеҳсолии хатарнок дар асосноккунии бехатарӣ;

- баҳодиҳии пурра ба талаботҳо барои истифодабарӣ, таъмири асосӣ, муваққатан хобондан ё барҳамдиҳии иншооти истеҳсолии хатарнок, ки дар асосноккунии бехатарӣ пешбинӣ шудаанд.

30. Дар хулосаи экспертизаи асосноккунии бехатарии иншооти истеҳсолии хатарнок яке аз хулосаҳои зерин дарҷ карда мешавад:

1) асосноккунии бехатарии иншооти истеҳсолии хатарнок ба талаботи бехатарии саноатӣ мутобиқат мекунад;

2) асосноккунии бехатарии иншооти истеҳсолии хатарнок ба талаботи бехатарии саноатӣ мутобиқат намекунад.

31. Фармоишгар хулосаи экспертизаро барои бақайдгирӣ дар феҳристи хулосаҳои экспертизаи бехатарии саноатӣ ба Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд (тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007, таҳти №590).

## 5. ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ВАЙРОНКУНИИ ТАРТИБИ МАЗКУР

32. Шахсоне, ки дар вайронкунии Тартиби мазкур гунаҳгоранд, мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.